«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», д.и.и., профессор
_____Қурбонзода М.Р.
«__05__» ____03____2025

ХУЛОСАИ

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Бобозода Убайдулло Холмирзо

Диссертатсияи унвонҷӯ Бобозода У.Х. дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01- Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия), дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ иҷро шудааст.

Бобозода Убайдулло Холмирзо 29.08.1960 дар ноҳияи Хуросон, дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Ӯ соли 1977 ба факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 1982 онро аз рӯйи ихтисоси «Химик. Муаллим» хатм намудааст. Мавсуф собиқаи кории омӯзгории 43-сола дорад. Аз соли 1982 то соли 2010 ба ҳайси омӯзгори фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсейи ноҳияи Хуросон кору фаъолият намудааст. Аз соли 2010 то инҷониб дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии факултети химия ва биологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳайси саромӯзгор кору фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба

номи Носири Хусрав, № 93“А” аз 31.03.2022 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи методикаи фанҳои табиатшиносӣ қабул карда шудааст.

Бобозода Убайдулло Холмирзо кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)) зери роҳбарии доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикӣ ва биологии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Бандаев Сироҷиддин Гадоевич ба анҷом расонидааст.

Бобозода У.Х. имтиҳонҳои минимуми номзадиро дар чунин шакл супоридааст:

1. Таърих ва фалсафаи илм (29.06.2022).....4 (хуб)
2. Забони хориҷӣ (англисӣ) (31.01.2023).....4 (хуб)
3. Назария ва методикаи таълим ва тарбия (24.04.2024).....5 (аъло)

Диссертатсияи Бобозода У.Х. дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 01.04.2025, №9А муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)) чунин хулоса қабул карда шуд:

- ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат мекунад;

- мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ алоқамандӣ дорад;

- теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад;

- имконияти татбиқ намудани натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот вуҷуд дорад;

- саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ возеҳ аст.

Дисертатсияи унвонҷӯ Бобозода У.Х. дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)) ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)) мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 12 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 8,75 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мақсади таҳқиқот - муайян намудани асосҳои дидактикие мебошад, ки ба ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар раванди ҳалли масъалаҳои ҳисобии намунавӣ ва амалии таълимию маърифатӣ аз фанни химия мусоидат мекунанд.

Навоварии илмии таҳқиқотро ҷузъҳои зерин муайян мекунанд:

- асосҳои назариявии зарурати фаъолнокӣ ва инкишоф додани мустақилияти хонандагони муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти хусусиятҳои шахсии онҳо дар асоси ҳалли масъалаҳои намунавӣ ва амалии ҳисобии таълимию маърифатии химиявӣ коркард шуд;

- асосҳои илмию методии истифодаи масъалаҳои таълимию маърифатӣ дар дарси химия бо мақсади ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагон таҳия шуд;

- ҳангоми таълими химия низоми методии истифодаи якҷояи супоришҳои стандартӣ ва амалии ҳисобии таълимию маърифатӣ ва дигар усулҳое пешниҳод карда шуд, ки фаъолият ва амалҳои мустақилонаи хонандагонро бо дарназардошти хусусиятҳои шахсии онҳо ҳавасманд мекунанд;

- модели фарзияи мазмун ва сохтори вазифаҳои таълимию маърифатӣ пешниҳод карда шуд;

-бо мақсади ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон дар ДДБ ба номи Носири Хусрав "Маркази омодагии қаблӣ" таъсис дода шуд;

- шароити ташкилию педагогии ташаккули мустақилияти хонандагон аз фанни химия муайян карда шуд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Саҳми довталаб аз таҳлили маълумоти адабиёт, амалӣ намудан ва коркарди маълумоти таҷрибавӣ, муҳокима ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҷрибаи педагогӣ, таҳияи хулосаҳо, навиштан ва тарҳрезии нашрияҳо иборат аст. Довталаб шакли ташкили дарс ва супоришҳои дорои хусусияти таҳқиқотиро мустақилона таҳия намуда, ба шарофати он заминаи методологии фаъолияти маърифатии хонандагонро дар раванди таълим ташаккул дод. Дар конференсияҳои илмию амалии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ аз рафти корҳои иҷрогардида бо нашри мақолаҳои илмӣ гузоришҳо пешниҳод намуд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот: таҳлили назариявӣ, таҳлили эмпирикӣ, мушоҳидаи бевосита ва бавосита, пурсиш, суҳбат, санҷиш, пурсиши саволномавӣ, таҷрибавӣ, педагогӣ ва ташхисӣ.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нуқтаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.02–«Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия))» мувофиқат мекунад:

-банди 1. Таҳияи назария, ки ба таълими фанҳои мушаххас, аз ҷумла дар сатҳи байнисоҳавӣ; фаъолияти инноватсионию таҷрибавии омӯзгорони фан ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва усулҳои таълим дар соҳаҳои дониш ва сатҳҳо мувофиқат мекунад;

-банди 2. Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои нави педагогӣ ва низомҳои методии таълим, ки инкишофи хонандагонро дар зинаҳои гуногуни таълими химия таъмин мекунанд;

-банди 3. Назарияи таҷрибаи пешқадам дар таълими химия ва тарбия;

-банди 8. Назария ва амалияи таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилот дар зинаҳо ва соҳаҳои гуногуни таълими химия;

-банди 9. Таҳияи нуқтаи назари методологии мундариҷа ва раванди азхудкунии соҳаи маориф;

-банди 21. Назария ва усулҳои истифодаи воситаҳои техникӣ ва аёнӣ дар соҳаҳои гуногуни дониш ва зинаҳои гуногуни таълим;

-банди 28. Асосҳои назариявию методии таҳия ва истифодаи таъминоти илмию методии низомҳои таълими педагогӣ, ки имкониятҳои татбиқшавии фанни химияро таъмин менамоянд.

Маълумот дар бораи истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҳолатҳои зерин пешниҳод карда шуданд:

-дар раванди таҳияи воситаҳои махсуси таълимӣ ва маводи таълимӣ барои ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагони муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни химия;

-дар таҳияи дастури таълимии «Маҷмуи ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ аз химия»;

-дар ташкили фаъолияти таълимию педагогии омӯзгорони химияи муассисаҳои таълимӣ;

-дар конференсияҳои илмию амалӣ, семинарҳо оид ба назария ва амалияи таълими химия;

- дар маҷлисҳо ва семинарҳои илмию методии кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

- дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсола, ки дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав баргузор мегардад;

- бо баромадҳо дар конференсияҳои гуногуни илмию амалии ҷумҳуриявӣ оид ба назария ва методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ибрози андеша карда шуд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 19 нашрия, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои аз тақриз гузаронидашуда ва ба рӯйхати тавсиявии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилкардашуда нашр шуданд.

Мазмуну муҳтавои асосии рисола дар нашрияҳои зерин инъикос ёфтааст:

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи "Комиссияи олии аттестатсионӣ"-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

-[1-М]. Бобоев, У.Х. Ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо усули «Соати қумӣ» / **У.Х. Бобоев**, М.У. Бобоев, С.Г. Бандаев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. №2 (45). – Душанбе, 2012. - С. 28-35.

-[2-М]. Бобоев, У.Х. Ҳалли масъалаҳои намунавӣ дар мавзуи суръати реаксияҳои химиявӣ / **У.Х. Бобоев**, М.У. Бобоев, Б.А. Ғафуров, С.Г. Бандаев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. № 6 (49). - Душанбе, 2012. - С. 108 - 112.

-[3-М]. Бобоев, У.Х. Масъалаҳои ҳисобӣ яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон **/У.Х. Бобоев** // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. №2 (12). - Душанбе 2021. - С. 268 - 280.

-[4-М]. Бобоев, У.Х. Истифодаи усули саволнома барои муайян кардани дараҷаи қобилиятҳои маърифатии хонандагонити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таъсири омилҳои педагогӣ дар ташаккули онҳо / **У.Х. Бобоев**, С.Г. Бандаев, М.У. Бобоев // Паёми донишгоҳи миллӣ. № 7 - Душанбе 2022. - С. 311-339.

-[5-М]. Бобоев, У.Х. Ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо усули «Соати регӣ», роҳи нави омӯзиши масъалаҳои таълимӣ ва маърифатӣ. / **У.Х. Бобоев**, С.Г. Бандаев, М.У. Бобоев // Фурӯғи илм (Маҷаллаи байналмилалии илмӣ) №3 (3).- Душанбе, 2024.- С.16-31

-[6-М]. Бобозода, У.Х. Истифодаи усули «Соати регӣ» дар ҳалли масъалаҳои химиявӣ ва самаранокии он дар инкишофи қобилияти маърифатии хонандагон **/ У.Х. Бобозода,** С.Г. Бандаев, М.У. Бобозода // Паёми ДДОТ - 2025 .- №1 С. 98-104

Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар нашрияҳои дигари илмӣ:

-[7-М]. Бобоев, У.Х. Решение химических задач методом «Песочных часов». **/У.Х. Бобоев,** Ш.Р. Азимова // Материалы конференции молодых ученых, посвященной «Дню молодежи Таджикистана» на тему: «Государственная молодежная политика: состояние и перспективы». Душанбе-2014. - С. 349-353.

-[8-М]. Бобоев, У.Х. Кимиё – илми дақиқ / **У.Х. Бобоев**, Зиёдамои Сатор, А.Ҷ. Назаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии таҳти унвони “Проблемаи муосири рушди фанҳои табиатшиносӣ: дурнамо ва пешомадҳои он” бахшида 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” Бохтар – 2021. - С. 350 - 352.

-[9-М]. Бобоев, У.Х. Вазъи таълими химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **/ Бобоев У.Х.** // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар

мавзуи «Вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳлили физико-химиявӣ» бахшида ба эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегӣ-саноатикунонии кишвар, солҳои 2022-2026-солҳои рушди саноат, 65-солагии таъсисёбии кафедраи «Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ» ва гиромидошти хотири арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, профессор, Лутфулло Солиев (15-16-уми марти соли 2023) Душанбе 2023, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ С. 296-300.

-[10-М]. Бобозода, У.Х. Ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ дар омӯзиши кимиё бо истифодаи формулаҳои физикавӣ / **Бобозода У.Х.,** Бандаев С.Г., Бобозода М.У., // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии “Вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳлили физико-химиявӣ”.-Душанбе: ДДОТ.-2025 С. 320-327

-[11-М]. Бобозода, У.Х. Усули “Соати регӣ” - роҳи нави ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва маърифатӣ / **Бобозода У.Х.,** Бандаев С.Г., Бобозода М.У. // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии “Вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳлили физико-химиявӣ”.-Душанбе: ДДОТ.-2025 С. 272-278

Бо дарназардошти маводҳои нашршуда, хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва педагогикаи МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии факултети химия ва биологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Бобозода Убайдулло Холмирзо дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи илмии унвончӯи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии факултети химия ва биологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Бобозода Убайдулло Холмирзо дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6Д.КОА-071-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо суроғаи: 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва педагогикаи МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав” аз 1.03.2025, протоколи №9А баррасӣ ва қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 26- нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ:

“Тарафдор”- 26 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа: Расулзода С.П.

Котиби ҷаласа: Шамсуллоева С.С.

Имзои С.П. Расулзода ва С.С. Шамсуллоеваро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

Маълумот барои тамос:

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, к. Айнӣ, 67.

Тел.: (+992- 3222) 2-45-20, 2-22-53 E-mail: bgu-1978 @mail.ru